# 1. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

1. Минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим” дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ” №700 аз 25 марти соли 2011 бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1545 аз 29 январи соли 2010 ҳамчун қитъаи алоҳидаи (маҳдуди) Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳудуди аниқ муқарраргардида таъсис ёфта дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси иқтисодӣ муҳайё карда шудааст.

2. Намуди МОИ «Ишкошим» - Истеҳсолию тиҷоратӣ буда ба муҳлати 50 сол ташкил шудааст.

3. Низомномаи минтақаҳои озоди иқтисодии «Ишкошим» бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №2010 ва №1545 аз 20.01.2010 тасдиқ гардидааст.

4. МОИ Ишкошим дар чорраҳаи се давлат Чин (Қошғар) – Тоҷикистон (Ишкошим) – Афғонистон (Файзобод) – Қирғизистон (Ош) мавкеъ гирифтааст ва дар оянда барои соҳаи соҳибкории ин давлатҳо метавонад ҳамчун маркази ҳамоҳангсозӣ, хизмат намояд. Аз ҳамкорӣ бо МОИ Ишкошим соҳибкорони ҳар ду соҳили дарёи Панҷ Бадахшони Тоҷикистон ва Бадахшони Афғонистон фоида хоҳанд дид. Чунончи ҳозирин вақт тамоми молу маҳсулот тавассути Покистон дастарси Афғонистон мегардад, ки ин роҳ қариб як моҳро дар бар мегирад. Тавассути Ишкошим бошад ин роҳ бамаротиб кӯтоҳ мегардад. Аз сарҳади Чин то МОИ Ишкошим ҳамагӣ 2 рӯз роҳро дар бар мегирад.

# 2. ПОТЕНСИАЛИ ВМКБ ВА НОҲИЯИ ИШКОШИМ

| **Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон** | |
|---|---|
| ***Мавқеи ҷойгиршавӣ*** | Ҷумхурии Тоҷикистон |
| ***Таъсис шудааст***: | Соли 1925 |
| ***Масоҳат*** | 64,2 ҳазор км. кв. |
| ***Аҳолӣ - ҳамагӣ*** | 215.5 ҳазор нафар |

| | |
|---|---|
| ***- шаҳрӣ*** | 30.2 ҳазор нафар |
| ***- деҳот*** | 185,3 ҳазор нафар |
| ***Зичии аҳолӣ***: | 3,4 нафар дар 1 км. кв. |
| ***Маркази маъмурӣ***: | шаҳри Хоруғ |
| ***Сарҳад***: | аз шимол – Ҷумҳурии Қирғизистон<br>аз шарқ – Ҷумҳурии Халқии Хитой<br>аз ҷанубу ғарб – Ҷумҳурии Афғонистон |
| ***Иқлим***: | континенталӣ (хушк) |
| ***Дарёҳо***: | Амударё, Панҷ, Вахондарё, Ғунт, Шоҳдара,<br>Бартанг, Язғулом, Ванҷ, Хумбов |
| ***Шумораи пиряххо***: | 23 адад |
| ***Захираҳои табиӣ***: | тилло, нуқра, бор, никел, уран, литий, сангҳои нодиру қиматбаҳо, оҳан, металлҳои ранга, тахтасанги мармарӣ, ангиштсанг, маводи сохтмон, асбест, керамзит, омехтаи сурбу симоб, қалъагӣ ва ғайра. |
| ***Корхонаҳои саноатӣ*** | 48 (ба ҳолати 1.01.15) |
| ***ш.Хоруг – ш. Душанбе*** | 640 км тавассути Кӯлоб ( ағбаи Хобу Рубот бошад 527 км). |
| ***Сохтори ҳудудию маъмурӣ***: | 1 шаҳр, 7 ноҳия ва 43 ҷамоат |
| ***Массисаҳои тиббӣ***: | 310 |
| ***Муассисаҳои таълимӣ***: | 316 |

## 4. ТАҲЛИЛИ SWOT БАРОИ РУШДИ МОИ “ИШКОШИМ”

17. Маъмурияти МОИ “Ишкошим” мунтазам баҳри муайян намудани муаммоҳо дар фаъолият ва ҷустуҷӯи роҳҳо ва усулҳои бартараф намудани онҳо таҳлилҳои гуногунро ба анҷом мерасонад. Аз ҷумла, гузаронидани таҳлили тарафҳои қавӣ, заиф, имкониятҳо ва хатарҳо бо усули муосири SWOT бо иштироки роҳбарияти корхонаҳо, кормандон, соҳибкорон, намояндагони ташкилотҳои байналмиллалӣ ва мақомотҳои давлатӣ чун анъана ба роҳ монда шудааст.

## **Таҳлили** SWOT:

| **Тарафхои кави** ( Strengths) | **Нозукихо** (Weaknesses) |
|---|---|
| -Ҷойгиршавии стратегӣ дар сероҳаи Кошғар-Ишкошим-Файзобод.<br>- Дастрасии осони таъмини об.<br>- Дастрасӣ ба қувваи корӣ.<br>- Захираҳои таълимии ВМКБ.<br>-Имкониятҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ.<br>- Масолеҳи сохтмон ба таври маҳаллӣ.<br>- Захираҳои фаровони табиӣ.<br>-Имконияти бозори наздики Ишкошим.<br>-Фаъолият мувофиқи конунгузории МОИ шаффоф аст.<br>-Пешниҳод намудани андозҳои гумрукӣ ва дигар имтиёзҳо аз тарафи МОИ Ишкошим.<br>- Мусоидат намудани МОИ барои аз байн бурдани монеаҳо барои сармоягузорони хориҷӣ.<br>- МОИ "равзанаи ягонаро" истифода мекунад, то ки бюрократия паст карда<br>шавад.<br>-Минтакаҳои сайёҳӣ ва мавзеҳои табии хеле зебо, ки дар сатҳи байналмиллалӣ эътироф шуданд, чойгир ҳастанд. | -Вуҷуд надоштани шабақаҳои маҷмуӣ дар МОИ.<br>-Симои Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои сатҳи пасти технология.<br>-Фаъолиятҳои тиҷоратии МОИ хеле сустанд.<br>-Паст будани инфрасохтори коммуникатсионӣ.<br>- Набудани кадрҳои баландихтисос. |
| **Имкониятҳо** (Opportunities) | **Таҳдидҳо** (Threads) |
| -Ҷалб намудани сармоягузории хориҷии Чин барои технологияи нав.<br>-Баланд бардоштани фаъолияти бахшҳои кишоварзии коркарди гушт.<br>-Баланд бардоштани алоқаи ширкатҳо хусусӣ ва деҳқонон.<br>- Механизми иловагӣ барои ба низом даровардани хуҷҷатгузории маъмурӣ.<br>-Таҳкими робитаҳои вуҷуддоштаи тиҷоратӣ байни Чин ва ВМКБ дар Тоҷикистон ва Афғонистон. | -Таҳияи нақшаи ғайривоқеъ барои МОИ Ишкошим.<br>- Вуҷуд надоштани амнияти устувор дар Афғонистон.<br>-Маҳдуд будани имкониятҳои молиявӣ барои бунёди инфрасохтор.<br>- Муҳоҷирати меҳнатӣ дар хориҷа. |